# ХУЛОСАИ
# НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-029 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Парвандаи аттестатсионии №___**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 11 майи соли 2023, таҳти №34**
**Дар бораи ба Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ**

Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» дар таърихи 11-уми майи соли 2023, суратмаҷлиси №23 аз тарафи Шурои диссертатсионӣ (7340025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.2022, №38) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаб Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович соли 1989 таваллуд шудааст. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 2013 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фалсафа хатм кардааст. Баъд аз хатми ихтисоси фалсафаи факултети фалсафаи ДМТ то имрӯз дар вазифаи ассистенти кафедраи мазкур фаъолият мекунад. Дар давраи омодасозии диссертатсия Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович ҳамчун унвонҷӯи кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ фаъолияти илмӣ – педагогӣ дошт.

Диссертатсияи довталаб дар кафедраи мазкур иҷро шуда, дар ҷаласаи васеи ҳамин кафедра (23 ноябри соли 2022, суратмаҷлиси №4) муҳокима гардида, ба даври дуюми экспертизаи муассиса тавсия шудааст. Шурои олимони факултети фалсафа (с/м №7 аз 25.01.2023) диссертатсия мазкурро муҳокима ва барои ҳимоя пешниҳод кардааст.

**Роҳбари илмӣ:** Муминов Аҳмад Исматович – доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мукарризони расмӣ:**

Қаҳҳоров Ғаюр Ғафурович - сарходими илмии Шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.М. Баҳоваддинови АМИТ;

Давлатов Рамазонӣ Лақаевич – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти

кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби н.и.ф, дотсент Саидумаров С.С. ва мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносӣ н.и.т., дотсент Шарофов Э.У. ба имзо расида, аз ҷониби ректори хамин Донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Давлатзода Қ.Қ. тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар он чиз ба асос гирифта шудааст, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Нодирхонов Г.Г. алоқамандии зич доранд.

Довталаб 9 мақолаи чопӣ дорад, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Интишороти довталаб нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Нодирхонов Г.Г. Иттилоот ва гуногунии системаҳои иҷтимоӣ [Матн] / Г.Г. Нодирхонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе.- 2019.- №10.- С. 143-147. ISSN 274-1847.

2. Нодирхонов Г.Г. Доир ба амнияти иттилоотӣ [Матн] / Г.Г. Нодирхонов // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.- Душанбе.- 2020. №2.- С. 166-171. ISSN 0235-005X.

3. Нодирхонов Г.Г. Мафҳуми «Субот» ва «Носуботӣ» дар системаҳои иҷтимоии ҷомеа. [Матн] / Г.Г. Нодирхонов, А. И. Муминов // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе.- 2020.-№4.- С.140-144. ISSN 2074-1847.

4. Нодирхонов Г.Г. Ҷомеаи иттилоотӣ ва бехатарии он дар таҳқиқоти муҳаққиқони ғарбӣ [Матн] / Г.Г. Нодирхонов, А. И. Муминов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.- Душанбе.-2021. №1(262).- С. 26-31. ISSN 2076-2569.

5. Нодирхонов Г.Г. Мақоми иттилоот дар системаи амнияти иттилоотӣ [Матн] / Г.Г. Нодирхонов, А. И. Муминов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.- Душанбе.-2021. №2 (014).- С. 132-138. ISSN 2076-2569.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда ва ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафаи факултети сиёсат ва идораи давлатии ДДБ ба номи Носири Хусрав – **Пиров А.К.**

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи психология ва сотсиологияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - **Абилзода Г.С.**

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - **Ҳаитов Ф.Қ.**

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои ҷузъӣ ва хусусияти тавсиявидошта дар шакли умумӣ баён гардидаанд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:

- мафҳумҳои асосии ифодакунандаи ҷомеаи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ **муайян карда шудаанд**;

- раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили муҳими амнияти миллӣ дар рушди ҷомеаи муосир таҳлил гардида, арзиш ва аҳамияти он **равшан гардидааст**;

- нақши амнияти иттилоотии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар суботи системаи иҷтимоӣ **баҳогузорӣ карда шудааст**;

- таъсири ташаккул ва оқибатҳои воридшавии технологияи иттилоотӣ ба амнияти иттилоотии ҷомеаи тоҷикистонӣ **асоснок карда шудааст**;

- амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили афзалиятнок ва муҳимми таъминоти амнияти миллии Тоҷикистон арзёбӣ шуда, таъсири мусбати он ба ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ **муайян гардидааст**;

- самтҳои асосии таъмини устувории системаи амнияти иттилоотӣ ва усулҳои асосии муқовимат ба таҳдиду хатарҳои ба системаи амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронидашуда **пешниҳод гардидаанд**.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки мавод ва хулосаҳои умумии он фаҳмиши навро оид ба дарки ҷомеаи иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ ва таъмини амниятии он дода, натиҷаҳои ба дастомадаи таҳлилӣ барои бунёд ва рушди ғояҳои илмӣ-назариявии ҷомеаи иттилоотӣ ва дар ин замина таҳкими пояҳои истиқлолият ва бунёди давлати миллӣ мусоидат менамоянд. Арзиши амалии диссертатсия дар он аст, ки мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро дар таҳияи консепсияи рушди ҷомеаи иттилоотӣ, татбиқи амалиии тадбирҳо оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ, омода намудани курси лексияҳо, курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба фанҳои фалсафаи иҷтимоӣ, сиёсатшиносӣ, сотсиология ва ғ. истифода бурдан мумкин аст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои файласуфон, олимону муҳаққиқони соҳаи сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносон, муаррихон ва мутахассисони соҳаҳои илмҳои ҷамъиятӣ - гуманитарии тоҷику рус, аврупоӣ, эронӣ ва ғайра, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ таваҷҷуҳ намудаанд, такя кардааст. Ҳамзамон, корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмӣ, барномаю қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, махзанҳои электронии интернетӣ ташкил менамоянд, баён гардиданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз он иборат аст, ки**:

- таҳқиқоти худро мустақилона бо истифодаи адабиёту маъхазҳои илмии ватанию хориҷӣ анҷом додааст;

- масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумоти бадастомада, муқарраротги назариявӣ ва методологӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо ва хулосаҳои асоснок дар бораи дурнамои рушди бехатарии иттилоот ҳамчун омили суботи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи соҳибистиқлолӣ муайян кардааст;

- маводи кифоя аз рӯйи мавзуи диссертатсия (5 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 4,6 ҷ.ч) дар маҷаллаҳои ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилбуда ба нашр расонидааст;

- натиҷаҳои таҳқиқоти илмии худро дар конференсияҳои илмии назариявию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ ба тасвиб расонидааст;

- ғояҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот бодарназардошти натиҷаҳои назариви, хулосаҳо, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро дуруст муайян намудааст.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ аз 11 майи соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Нодирхонов Гулназар Гулбозхонвич дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Маҳмадизода Н.Д.**

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Зиёев И.Ғ.**

11 майи соли 2023